**Суратмаҷлиси №4**

ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D. КОА-036

назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода

аз 31 майи соли 2022

ш. Душанбе

Иштирок доштанд:
Аз 11 нафар аъзои шуро
10 нафар

**РӮЗНОМА:**

Дар бораи қабул намудани диссертатсияи Раҳимзода Сафаралӣ Абдусамад дар мавзуи **“Таҳлили ҷанбаҳои забоншиносии фарҳангии номвожаҳои ҷуғрофӣ дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси маводи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)”** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021301 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)

(Роҳбари илмӣ: **Муҳаммадҷонзода Олимҷон Обидҷон** – доктори илмҳои филология, профессор, раиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба ташхиси аввалия ва таъйин намудани комиссияи ташхис.

**ШУНИДА ШУД:**

Ахбори муовини раиси шурои диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Ҷабборова Марҳабо дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Раҳимзода Сафаралӣ Абдусамад ба шурои диссертатсионӣ.

**БАРОМАД КАРД:**

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ, н.и.ф. Ҳасанова Шаҳло маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳо, автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ба шурои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Раҳимзода Сафаралӣ Абдусамад ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ

(дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур ба экспертизаи аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Раҳимзода Сафаралӣ Абдусамад дар мавзуи **"Таҳлили ҷанбаҳои забоншиносии фарҳангии номвожаҳои ҷуғрофӣ дар таркиби воҳидҳои фразеологӣ** (дар асоси маводи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ – таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) (роҳбари илмӣ, доктори илми филология, профессор Муҳаммадҷонзода Олимҷон Обидҷон) ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

- **Каримов Шухрат Бозорович** – доктори илми филология, профессор, аъзои шуро, раиси комиссияи экспертӣ;
- **Матробиён Саодатшо Қосимзода** – номзади илми филология, дотсен, аъзои шӯро, аъзои комиссияи экспертӣ;
- **Насруллоев Муҳаммад**– номзади илми филология, дотсент, аъзои шуро, аъзои комиссияи экспертӣ.

**Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд**

Муовини раиси шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илми филология, профессор Ҷабборова М.Т.

Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илми филология, дотсент Ҳасанова Ш. Р.